ТАҚРИЗИ

роҳбари илмӣ ба таҳқиқи диссертатсионии унвонҷӯ Зиёзода Зубайдуллои Карроматулло дар мавзуи «Баҳодиҳии самаранокии табобати шаклҳои ба доруҳо ҳассос ва тобовари менингитҳои силӣ дар марҳилаи беморхонавӣ», ки барои дарёфти дараҷаи илмии номзади илмҳои тиббӣ аз рӯи ихтисоси 14.01.16 – Силшиносӣ пешниҳод шудааст

Мубрамии мавзуи таҳқиқи диссертатсионӣ. Тибқи Ҳисоботи глобалии Ташкилоти умумиҷаҳонии тандурустӣ аз соли 2023, Тоҷикистон яке аз 30 кишварест, ки бори гарони бемории силӣ шакли тобоварии доруҳо дорад. Соли 2022 коэффитсенти баҳисобгирии гирифторшавии аҳолӣ ба бемории сил дар Ҷумҳурии Тоҷикистон 78 ҳодисаро ба 100 ҳазор аҳолӣ, бемории силӣ тобовари доруҳо бошад 20 ҳодисаро ба 100 ҳазор аҳолӣ ташкил дод. Соли 2022 дар кишвар 4316 ҳолати бемории сил ба қайд гирифта шудааст, аз ҷумла ҳисаи бемории силӣ бо тобовари доруҳои зидди силӣ дар байни ҳодисаҳои нав 69,2% ва дар байни онҳое, ки муолиҷаи аз такрорӣ мегузаранд, 31,8% буд.

Менингити силӣ ба шаклҳои зершадиди хуруҷкунандаи бемории сил тааллуқ дошта марганҷомӣ ҳангоми онҳо аз 16 то 55%-ро ташкил медиҳад, ки аҳамияти иҷтимоии бемориро муайян мекунад. Дар ҳолатҳои паҳншавии раванди сил, ба ғайр аз менингит инчунин мағзи сар ва ҳароммағз яъне, ки менингоэнсефаломиелити силӣ инкишоф меёбад, ки натиҷаи ташхиси дер ва дар натиҷа, муолиҷаи саривақтӣ таъин нашуда мебошад, ки ба натиҷаҳои номусоид дар шакли маъюбӣ ё марги беморон оварда мерасонад. Аммо ҳангоми таъин кардани муолиҷаи мушаххас то ду ҳафта аз оғози пайдоиши аломатҳои менингитӣ шифоёбии пурраи беморон мушоҳида мешавад. "Стандарти тиллоӣ"-и ташхиси менингитҳо ҷудо кардани микобактерияҳои сил аз моеъи ҳароммағз бо усули кишт мебошад, ин усул 100% хос буда, аммо ҳассосияти паст дорад. Мувофиқи маълумоти муаллифони рус, ташхиси бактериологӣ дар 4-8% то 27% ҳолатҳо тасдиқ карда мешавад. Тибқи маълумоти адабиёти хориҷӣ аз 40% бо бактериоскопия то 60% кишт.

Мушкилоти ташхис ва муолиҷаи менингитҳои силӣ имрӯзҳо бо афзоиши назарраси арсенали имкониятҳои ташхисӣ ва муолиҷавӣ ҳалшуда ҳисобидан мумкин нест. Мувофиқи тафсири бисёр муаллифон, менингити силӣ илтиҳоби пардаи нарми мағзи сар аст, ки ҳангоми бактериемияи бемории сил дар шароити сенсибилизатсияи умумӣ ва маҳаллӣ инкишоф меёбад, ки барои воридшавии микобактерияҳо тавассути монеаи хуну мағзи сар ва рушди илтиҳоби хос, ки метавонад ба мағзи сар низ паҳн шавад, шароит фароҳам меорад.

Менингоэнсефалити силӣ яке аз оризаҳои шаклҳои вазнинтарини менингитҳои силӣ мебошад. Тибқи омор, ҳатто дар кишварҳои аз ҷиҳати иқтисодӣ пешрафта, ҳар 5 ҳолати менингоэнсефалити силӣ бо марги бемор ба анҷом мерасад. Асоси "пешгирии" менингити силӣ ва менингоэнсефалити силӣ ин ошкорунӣ, ташхис ва муолиҷаи барвақтии онҳо мебошад. Ташхиси барвақтии менингити силӣ аз эҳтиётккории табибони шабакаи умумии муолиҷавӣ вобастааст, зеро аксари беморон (60%) бори аввал дар беморхонаҳои сироятӣ неврологӣ ва умуми соматикӣ бистарӣ карда мешаванд. Ҳатто дар сурати мавҷуд будани арсенали ба таври кофӣ пурзӯри доруворӣ ва технологияҳои ташхисӣ, мубориза бо ҳар як ҳолати менингитҳои сил, хусусан агар муайян кардани спектри ҳассосияти он ба доруҳои зиддисилӣ на ҳамеша имконпазир бошад, зеро он мушкилтарин оризаи раванди сил буда, зуд ба маъюбӣ (камшавии зеҳният, нобиноӣ, ношунавоӣ, гидросефалия, фалаҷ) ва ҳатто марги беморон оварда мерасонад.

Нишондиҳандаҳои асосии умуман вазъи эпидемии шаклҳои бемории сили ғайришуши дар солҳои охир тамоюли афзоиш доранд. Яке аз мушкилоте, ки ба коҳиши минбаъдаи нишондиҳандаҳои эпидемиологӣ халал мерасонад, паҳншавии бемории сил мебошад, ки дар натиҷаи намудҳои ба тобовари доруҳо ангезанда ба вуҷуд омадааст, ки ба ҷараёни шадидтари беморӣ мусоидат мекунад.

Ҳамин тариқ, аҳамияти иҷтимоии беморӣ, нокифоя донистани сабабҳои дер ошкор шудани менингитҳои силӣ ва талаботи омӯзиши хусусиятҳои ташхис ва самаранокии муолиҷаи онҳо вазъи бемории силро умуман дар Ҷумҳурии

Тоҷикистон беҳтар мекунад, ки зарурати гузаронидани таҳқиқоти мазкурро бо ҳамин асоснок шудааст.

Мавзӯ ва муҳтавои диссертатсияи Зиёзода Зубайдуллои Карорматулло дар мавзуи «Баҳодиҳии самаранокии табобати шаклҳои ба доруҳо ҳассос ва тобовари менингитҳои силӣ дар марҳилаи беморхонавӣ», ки барои дарёфти дараҷаи илмии номзади илмҳои тиббӣ аз рӯи ихтисоси 14.01.16 – Силшиносӣ барои дарёфти дараҷаи илмии номзади илмҳои тиббӣ ба ихтисоси илми 14.01.16 – Силшиносӣ мутобиқат мекунад.

Унвонҷӯ Зиёзода З.К. факултаи муолиҷавии МДТ «ДДТТ ба номи Абуалӣ ибни Сино» соли 2009 ба ихтисоси кори табобати дохил шуда, онро соли 2015 бо дипломи кори табобати хатм намудааст. Унвонҷӯ Зиёзода З.К баъдан интернатураро аз соли 2015 то соли 2016 дар беморхонаи марказии шаҳри Ваҳдат шуъбаи бемориҳои асаб аз рӯи ихтиссоси «Асабшинос» гузаштааст. Аз соли 2016 то ҳол дар ДМ «Маркази миллии бемориҳои сил, шуш ва ҷарроҳии қафаси сина» ба ҳайси табиби асабшинос кор ва фаъолият дорад. Аз санаи 16 октиябри соли 2017 то 20 феврали соли 2018 давраи таҳсилоти ихтисосгирии аввалияро дар МДТ «Донишкадаи таҳсилоти баъдидипломии кормандони соҳаи тандурустии Ҷумҳурии Тоҷикистон» аз рӯи итиссоси «Силшиносӣ» гузаштааст. Соли 2024 давраи таҳсилоти ихтисосгирии аввалияро аз рӯи итиссоси «Менингиолог» гузаштааст. Оиди ҳар ду курси омузиш дорои Диплом мебошад.

Кори диссертатсионии Зиёзода З. К аз муқаддима, 5 боб, 5 зербоб, хулоса, тавсияҳо, рӯйхати адабиёти ва замимаҳо истифодашуда иборат мебошад.

Дар муқаддима мубрамии мавзуи таҳқиқи диссертатсионӣ асоснок карда шуда, дараҷаи омӯзиши масъалаи илмӣ арзёбӣ гардида, объект ва мавзуи таҳқиқ, ҳадаф ва вазифаҳои он, асосҳои назарӣ ва методологӣ, навгониҳои илмӣ, аҳаммияти назариявӣ ва амалӣ муайян карда шудаанд.

Дар боби 1 Тавсифи умумии таҳқиқот оид ба патогенези инкишоф, зуҳуроти клиникӣ, ташхис ва муолиҷаи шаклҳои ба доруҳои зидди силӣ ҳассос ва тобовари менингиги силӣ ва оризаҳои онҳо (Шарҳи адабиёт) дар бораи тамаюли нишондиҳандаҳои асосии эпидемиологӣ, омилҳои хавфи менингити силӣ дар мамлакатҳои гуногуни ҷаҳон ва муносибати ташхисӣ ва табобатии

бемории мазкур, таҳия карда шудааст, ки аз 3 зербоб иборат аст: зербоби 1.1. Хусусиятҳои клиникӣ, эпидемиологӣ ва патогенетикии инкишофи менингити силӣ, зербоби 1.2. Ташхиси менингити силӣ ва оризаҳои онҳо, муайян кардани M. tuberculosis ва спектри тобовари он ба доруҳои зидди силӣ дар моеъи ҳароммағз, зербоби 1.3. Муолиҷаи шаклҳои ба доруҳо ҳассос ва тобовари менингити силӣ ва оризаҳои онҳо.

Дар боби 2 Мавод ва методҳои таҳқиқот, маълумоти дақиқ дар бораи мавод ва усулҳои тадқиқот оварда шудааст.

Дар боби 3 Хусусиятҳои демографию клиникии беморон ва самаранокии ташхиси онҳо, ки аз 2 зербоб иборат аст: 3.1. Хусусиятҳои демографӣ ва клиникии беморон, зербоби 3.2. Самаранокии ташхиси тафриқавии менингити силӣ ва оризаҳои онҳо, ки самаранокиии ташиси тафриқавии менингитҳои силӣ таҳия кардашудааст.

Дар боби 4 Самаранокии муолиҷаи беморони гирифтори менингити силӣ ва оризаҳои онҳо, ки масъалаҳои самаранокии табобати беморони гирифтори менингитҳои силӣ таҳия шудааст. Бояд қайд кард, ки тамоми чораҳои дар диссертатсия зикршуда асоснок буда, барои бартараф намудани камбудиҳои ҷойдошта мусоидат менамоянд.

Дар боби 5 Баррасии натиҷаҳои таҳқиқот, ки натиҷаҳои тадқиқот дар муқоиса бо хулосаҳои дигар тадқиқотҳо, ки дар интишоротҳо инъикос ёфтааст, мавриди баррасӣ қарор дода шуд.

Инчунин диссертатсия аз хулосаҳо, тавсияҳо оид ба истифодаи амалии натиҷаҳои таҳқиқот, рӯйхати адабиётҳо, интишорот оид ба мавзуи диссертатсия ва замимаҳо иборат мебошад.

Дар хулоса ва пешниҳодҳо натиҷаҳои асосии таҳқиқи илмӣ ҷамъбаст гардидаанд.

Нуқтаҳои илмӣ ва натиҷаҳои диссертатсия илман асоснок буда, бо далелҳои муътамади назариявӣ-методӣ ва таҳлилӣ мустаҳкам карда шудаанд.

Муҳтавои асосии диссертатсия дар мақолаҳои илмии нашргардида ва баромадҳои муаллиф дар конфронсҳои сатҳи гуногун инъикос ёфтаанд.

Хулоса, диссертатсияи Зиёзода Зубайдуллои Карорматулло дар мавзуи «Баҳодиҳии самаранокии табобати шаклҳои ба доруҳо ҳассос ва тобовари менингитҳои силӣ дар марҳилаи беморхонавӣ» ба талаботи Тартиби додани дараҷаҳои илмӣ (қарори Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 30 июни соли 2021, №267) ва Дастурамал оид ба тартиби барасмиятдарории диссертатсия ва автореферати диссертатсия (қарори Раёсати Комисияи олии аттестатсионии назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 27 декабри соли 2024, №495) ҷавобгӯ буда, ҷиҳати сазовор гардидан ба дараҷаи илмии номзади илмҳои тиббӣ аз рӯи ихтисоси 14.01.16 – Силшиносӣ барои ҳимоя пешниҳод карда мешавад.

Роҳбари илмӣ:

Мудири кафедраи фтизиопулмонологияи
МДТ«Донишкадаи таҳсилоти
баъдидипломии кормандони соҳаи тандурустии
Ҷумҳурии Тоҷикистон»,
доктори илмҳои тиббӣ, дотсент Закирова Қ

«06» 06 соли 2025

Суроға:

Ҷумҳурии Тоҷикистон, ш. Душанбе,
ноҳияи Шоҳмансур, кучаи А. Ғуломов 50/1-56,
Тел: +992 989580003, E-mail: dr.zakirova@gmail.com

Имзои Закирова Қурбонхон-ро тасдиқ мекунам:
сардори шуъбаи кадрҳо Ҳафизова Ф.А.

Суроға:

734026, Ҷумҳурии Тоҷикистон, ш. Душанбе,
хиёбони И. Сомони 59,
Тел: 250-31-01, Факс: 250-31-01, E-mail: gou@ipovszrt.tj

ПОДПИСЬ Закирова К.
ЗАВЕРЯЮ
НАЧАЛЬНИК ОТДЕЛА КАДРОВ
«06» 06 2025 г.

«06» 06 соли 2025